«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
Ибодуллозода А. И.
«__17___» __июни____ соли 2022

# ХУЛОСАИ

**Кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ, фаронсавӣ) оид ба диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзуи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити байнифарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

**Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич**

Бо дарназардошти баромади унвонҷӯ Раҷабова Фируза Садриддиновна доир ба диссертатсияи хеш, саволу ҷавоб, муҳокима ва музокираҳои ДИП, профессор Сайфуллоева З.Х., ДИФ, профессор Султонзода С.А., номзадҳои илмҳои педагогӣ, дотсентон Куҷов Р.М., Қурбонов Т.З., НИФ, дотсент Ғиёсев Ф. Қайд карда мешавад, ки диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна кори таҳқиқотии пурра анҷомёфта ҳисобида шуда, натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯ мебошанд. Мазмун ва муҳтавои автореферат ва мақолаҳои илмии дар нашрияи тавсиякардаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми ҶТ, Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва Паёми ДМТ (4 номгӯи мақола), маҷмуаҳои мақолаҳои дар дигар маҷаллаву нашрияҳо ба чоп расида (18 номгӯи

мақолаҳо) ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташудаи муаллиф *мувофиқат менамоянд.*

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос.* Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзуи «Методикаи ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

*Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот* кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ,фаронсавӣ) пешниҳод мекунад, ки диссертатсияи мазкурро ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 "Тартиби додани унвонҳои илмӣ" ва талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор дониста мешавад.

Аъзоёни кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ,фаронсавӣ) барои ба ҳимоя пешниҳод кардани диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна *якдилона овоз доданд*.

Раиси маҷлис,
мудири кафедра н.и.п.,дотсент — Кучов Р.

Котиб н.и.п. — Қурбонов Т.

Имзоҳои н.и.п.,дотсент Р.М.Кучов ва н.и.п. Т.З.Қурбонов тасдиқ карда мешаванд:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ — А.Мустафозода